# МОДАР ФАРИШТА БУД...


*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 5 (129) 7-УМИ МАРТИ СОЛИ 2020, ШАНБЕ





**Модар шахсест, ки шабу рӯз ба хотири роҳату осоиши тифлаш заҳмат мекашад ва намегузорад, ки фарзанди ӯ ранҷу озоре бинад. Вай ҳамеша дар талош аст, ки фарзандаш солиму бардам ба камол расад, соҳиби одобу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар гардад ва дар оянда ба ҷомеа хизмати шоиста намояд. Яъне дар шуури насли наврас ташаккул додани эҳсоси муҳаббат ба донишу маърифат, одобу ахлоқ, нангу номус ва ватандӯстиву заҳматкашӣ, қабл аз ҳама, хизмати модар мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як фард модарро мисли ҷони худ ва ҳамчун зиннату сафои зиндагӣ дӯст медорад, азиз мешуморад ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меорад.**

**Модар сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба шумор меравад. Зан-модар ба мисли баҳори пурнакҳату муаттар таҷассумгари фардои обод буда, бо нияту орзуҳои нек фарзанди худро ба камол мерасонад ва ӯро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан ҳидоятгару насиҳатгар мебошад.**

**Шахс нахустин дарси одамияту худшиносиро аз модар меомӯзад ва тавассути суханони пурҳикмати ӯ соҳиби маърифат мегардад.**

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:


ВОХӮРИИ СУДМАНД — с. 2

ЗАН АЗ НИГОҲИ ФАЙЛАСУФОНИ ҒАРБ — с. 3

МУЖДАИ НЕК — с. 4-5

МОДАР – САРЧАШМАИ МУҲАББАТИ БЕКАНОР — с. 6-7

МУБОРАКТАРИН РӮЗ — с. 8




МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Эмомалӣ
МИРАЛӢ
law.tnu.tj@gmail.com

Муовини сармуҳаррир:
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
Муҳаррир:
Некрӯз САФАРЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
котиби Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Имомзода М. С.
вазири маориф ва илми ҶТ, академики АИ ҶТ;
Хушвахтзода Қ.Х.
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ректори ДМТ,
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ,
академики АИ ҶТ;
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ.

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 907-67-20-20, 939-25-98-28. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: Миралӣ СОБИР

# ВОХӮРИИ СУДМАНД





Санаи 4 марти соли 2020 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии судманди устодону донишҷӯёни факултет бо як зумра кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ судяи Суди Олии ҶТ Ғуломзода Сафарбек, намояндаи Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ Тоҷиев Эркинҷон, намояндаи Вазорати корҳои дохилии ҶТ Мирзозода Абдуқодир, намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ Турсунзода Шодком ва намояндаи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ҶТ Хоҷамиров Муслиҳиддин иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ бошад, намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавзӯҳои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав ва гурӯҳҳои ифротӣ, хатарҳои терроризм ва экстремизм, самаранок истифода намудани шабакаҳои интернетӣ, масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон ва бедор намудани эҳсоси ватандӯстии ҷавононро мавриди баррасӣ қарор доданд.

**Таҳияи
Некрӯз САФАРЗОДА**

# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТ





Санаи 29 феврали соли 2020 аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи мазкур баргузор гардид. Семинари илмӣ-назариявиро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. ифтитоҳ намуда, зарурият ва аҳамияти баргузории ҷамъомадро ба ҳозирин шарҳу тавзеҳ дод.

Дар семинари мазкур устодон ва аспирантони ҷавон, аз ҷумла ассистентон Қодиров Н.А. дар мавзӯи «Таснифоти одатҳо дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар мисоли ҶТ», Одинаева Н.Ҳ. дар мавзӯи «Истиқлолияти давлат ва юрисдиксияи универсалӣ», Хуҷамардова М.Т. дар мавзӯи «Масоили ҳуқуқи инсон дар доираи ҳамкории ҶТ бо СММ», Одинаев У.С. дар мавзӯи «Вазъи хусусӣ-ҳуқуқии созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ» ва Раҷабов И.Б. дар мавзӯи «Табиати ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ» баромад намуданд.

Дар фарҷом, маълум гардид, ки иштирокчиён аз ҷараёни чорабинии мазкур таассуроти мусбат бардошта, баргузории чунин семинарҳои илмӣ-назариявиро иқдоми неке баҳри рушд ва такмили илми олимони ҷавон арзёбӣ намуданд.

**Таҳияи
Азимҷон ҶУРАЕВ**

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ САРПАРАСТОН



Яке аз соҳаҳои муҳимми таҳсилоти олии касбиро бахши тарбия ташкил менамояд. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбияи донишҷӯён дар ҳайати донишгоҳҳои кишвар сохторҳои гуногун таъсис дода шудаанд, ки миёни онҳо Шӯрои сарпаратон мавқеи намоёнро соҳиб мебошад. Дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шӯрои мазкур фаъол буда, пайваста аз болои фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ назорат мебарад. Дар соли хониши 2019-2020 ба ҳайати он 60 нафар омӯзгор шомил мебошанд. Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти Шӯро тибқи дастури садорати факултет ҳар моҳ на кам аз як маротиба ҷаласаҳои он гузаронида мешаванд. Чунин як ҷаласа, санаи 5 марти соли 2020 бо иштироки бевоситаи декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Д.С. баргузор гардид. Ҳангоми ироаи сухани худ декани факултет устодонро бо фаро расидани фасли баҳор самимона табрик намуда, ба устодону кормандон комёбию саодатмандӣ орзу намуданд.

Сипас, дар ҷараёни ҷаласа декани факултет ба якояки тамоми устодоне, ки дар раванди маъракаи муҳимми сиёсӣ – интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Миҷлиси Олии ҶТ ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ фаъолона иштирок намуданд, ибрози сипос намуд.

Дар раванди ҷаласа, ҳамчунин яке аз масъалаҳои доғи рӯз, яъне пахн гардидани бемории Коронавирус, ки чомеаи ҷаҳониро ба таҳлука андохтааст, мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Қайд гардид, ки ин беморӣ дар тамоми ҷаҳон бо суръат пахн гашта, тамоми башарро андӯхгин намудааст. Бинобар ин, зарурат шумурида мешавад, ки устодон, кормандон ва шогирдон барои пешгирӣ аз ин вируси маргбор ба ҳама қоидаҳои таббӣ-гигиенӣ



риоя намоянд ва дар ин кор сарпарастони гурӯҳҳои академӣ бояд фаъолона ширкат намоянд. Дар ин замина, ситоди дохилифакултетӣ оид ба пешгирии Коронавирус таъсис дода шуд.

Сипас, фаъолияти Шӯрои сарпарастон мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дастуру супоришҳои нав дар назди сарпарастони гурӯҳҳои академӣ гузошта шуд.

**Таҳияи
Миралӣ СОБИРОВ**

# ЗАН АЗ НИГОҲИ ФАЙЛАСУФОНИ ҒАРБ

## (СУҚРОТ, АФЛОТУН ВА АРАСТУ)



Абубакри МИРЗОАҲМАД
ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ

Мавкеъ ва мақоми занон дар гузашта ва имрӯз тафовути зиёд дорад. Дар оинаи таърих вазъи занон риққатовару маҳзункунанда ва гоҳо дилчаспу ҳаловатбахш то ба замони мо омада расидааст. Вале таърихи гузаштаи занон аз даврони бостонӣ то ба имрӯз то ба дараҷаи даркорӣ мавриди тадқиқоти ҳаматарафаи олимон ва муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Дар масъалаи мавкеъ ва мақоми зан дар таърих ва илмҳои фалсафӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Дар аҳди бостон яъне давраи сохти ҷамъияти ибтидоӣ зан манзалати хосе дошт ва таърих ин марҳиларо давраи модаршоҳӣ ном додаст. Ин давраи набудани истисмори одам аз тарафи одам, даврони адлу инсоф ва коммунаи ибтидоӣ буда, зан аз ҳар лиҳоз нисбат ба мард мақому афзалияти бештаре дошт. Вале баъд аз таназзули даврони модаршоҳӣ ва омадани падаршоҳӣ гардиши айём ва раванди ҳаёт занро дар шебу фарозҳояш бисёр имтиҳон кардааст. Саҳифаҳои гузаштаи таърих гувоҳӣ медиҳанд, ки занон дар лобалои зиндагӣ бисёр шиканҷаҳо, нокомиву маҳдудиятҳоро аз сар гузаронидаанд. Файласуфон, ки дар таърих ҳамчун пешвоёни таҳаввули фикрӣ дар ҷомеа ва гоҳо идоракунандагони сиёсати идораи давлатӣ будаанд, нисбат ба занон андешаҳои гуногун ибрози намудаанд. Андешаҳои файласуфони юнонӣ дар мавриди мақоми зан гуногунранг буда, гаҳе онро таърифу тавсиф ва гаҳе зери танқиду таҳқир қарор додаанд. Масалан, Суқроти Юнонӣ гуфтааст: «Вуҷуди зан, бузургтарин маншаи таназзули башарӣ аст». Нуқтаи назари Арасту чунин аст: «Зан чизе нест магар марди ноком, хатои табиат ва ҳосили нуксе дар офариниш, ки Худо зан ва ғулом (барда)-ро офарид то ба мард хидмат кунанд».

Афлотун утоди Арасту ва яке аз файласуфони маъруфи Юнони қадим аст, дар тавзеҳи ин масъала, баробарии марду занро эътироф карда, ба қобилияти баробари мардону занон эътиқод дорад.

**Файласуф чунин мешуморад, ки: «Тақсими кор бар тибқи истеъдодҳо ва қобилиятҳост на бар ҳасби ҷинсияти мард ва зан, агар зан исбот кунад, ки корҳои давлатиро иҷро мекунад ва аз уҳдаи ин масъулият мебарояд, бояд ин амалро ба ӯ супурд ва агар марде ҷуз зарф шустан кори дигаре аз дасташ намеояд бояд ба фармони тақдир гардан ниҳад».**

Яъне бар хилофи Суқрот ва Арасту, номбурдашуда мӯътақид аст, ки занон бо мардон дар офариниш баробаранд ва онҳо танҳо барои нигоҳдорӣ ва нигоҳубини кӯдакон офарида нашудаанд. Занон метавонанд фалсафаро омӯзанд ва дар майдони набард низ дар қатори мардон ҳузур дошта бошанд.

Афлотун дар таълимоти худ оид ба ҷомеаи ормонӣ ва мадинаи фозила барои занон ҳамон таълим ва тарбияеро қоил аст, ки барои мардон дар назар мегирад ва масъалаи маҳрум намудани занонро аз таълиму тарбия дар ҷомеае ба монанди инсоне медонад, ки танҳо як дасташро тақвият мекунад ва аз тавоноии дасти дигар ғофил аст.

Файласуф ва филологи Олмонӣ Теодор Гомпертс ки дар масъалаи баробарии занон ва мардон андешаҳои ҷолиби диққат дорад дар китоби худ «Мутафаккирони юнонӣ» гуфтаҳои Афлотунро тақвият дода, чунин мегӯяд: «Афлотун истеъдодҳои ҳамаҷонибаи занон, хусусан, дар ҷомеаи Афинаро, ки ба бадтарин наҳве поймол мешавад, орзу мекунад ва баркашидани онҳоро аз бесаводӣ ба марҳилаи донойи ва истиқлол дар сар мепарварад».

Бояд тазаккур кард, ки аз баррасии «Мадинаи фозила» чунин бардошт кардан мумкин аст, ки Афлотун нисбати занон андешаи мусбӣ дошта онҳоро ба мисли мардон озод ва аз имтиёзҳои иҷтимоӣ баҳраманд медонад. Ҳамин тариқ, нуқтаи назари мутафаккирони Юнонӣ доир ба зан мухталифанд, ки аз ин навъ назарот чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мавкеи зан дар ҷомеаи ибтидоӣ ва давраи антиқа, дар мақомҳои гуногун қарор гирифтааст. Дар замони имрӯз бошад, занон оинаи миллату Ватан мебошанд ва сатҳи хираду маърифат, одобу ахлоқи ҳамида, пешрафту камолоти дирӯзу имрӯзаро дар худ таҷассум мекунанд.

**Чунончи бузургони замон гуфтаанд: «ҳассосият, ишқ, муҳаббат, таҳаммул ва фидокорӣ зиндагии занро ташкил медиҳад».**

Оре, занҳои ҷомеаи имрӯза ва махсусан ба занҳои тоҷик ин хислатҳо хос аст ва занони соҳибмаърифати мо барои оиндаи дурахшон ва гулгулшукуфоии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва хушбахтии имрӯзу фардои миллату давлат, хоса фарзандон ҳиссагузорӣ беназиранд.

# АЗ ТАЪРИХИ РӮЗИ МОДАР



Абдузуҳур САБУРОВ
магистранти соли 1

Зан-модар аз азал дар шитнохти миллати тоҷик тимсоли зебоиву покизагӣ, меҳрубониву зиндагиофарӣ, инчунин, ватандориву қаҳрамонӣ мебошад. Дар тӯли таърихи мавҷудият аҷдодони мо ба зан-модар ҳамеша арҷ гузошта, ҷойгоҳи онро дар дилу дида муайян намудаанд. Зеро, зан-модар дар он давра низ баробари мардҳо дар корҳои давлатдорӣ ширкат намуда, ҳатто бо қаҳрамонӣ ном баровардаанд. Ба ҳамагон хуб маълум аст, ки Гурдофарид бо вуҷуди зан буданаш паҳлавониву қаҳрамониҳо нишон додааст. Робиаи Балхиву Зебунисо ва боз даҳҳо нафари дигар ҳамчун шоира шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Қобили зикр аст, ки Рӯзи байналхалқии занон дар аввал, Рӯзи мубориза бар зидди беҳуқуқии занон буд. Он на Иди бонувон, балки чашни занони инқилобгар ном дошт. 8 марти соли 1857 дар Ню - Йорк коргарзанони фабрикаҳои пойафзол ва дӯзандагӣ гирдиҳамоӣ карданд. Онҳо даъвои кӯтоҳ кардани рӯзи корӣ, беҳтар кардани шароити меҳнат ва маоши бо мардон баробарро талаб карданд. Он солҳо занон дар 1 шабонарӯз то 16 соат меҳнат мекарданд, вале музди ночиз мегирифтанд.

Мардон баъди намоишҳои эътирозӣ рӯзи кории худро то 10 соат кам карда буданд. Дар бисёр корхонаҳои ИМА иттифоқҳои касаба пайдо шуданд. Пас аз 8 марти соли 1857 як иттифоқи касабаи нав созмон дода шуд, ки бори аввал дар таърих занон аъзои он гардиданд. Дар ин рӯз, дар аксари кӯчаҳои Ню - Йорк садҳо занон ба намоишҳои эътирозӣ баромаданд ва даъвои соҳибшавӣ ба ҳуқуқи овоз доданро карданд.



Таърихи ҷашнгирии Иди занон бо номи Клара Сеткин алоқаманд буда, гурӯҳи инқилобии худро, ки аз занон иборат буд, барои мубориза бар зидди истисморгарон ташкил карда буд. Ҳарчанд барои ин кор рӯзҳои бисёре сарф шуда буд, вале аъзои гурӯҳ ба қароре омаданд, ки рӯзеро чун Зодрӯзи "пролетариати занон" ҷашн гиранд. Соли 1910 дар шаҳри Копенгагени Дания, дар конфронси дуввуми занони сотсиалист бо пешниҳоди Клара Сеткин карори ҷашнгирии "Рӯзи мубориза занон барои ҳуқуқҳояшон" қабул карда шуд. Дар он гуфта мешуд, ки ҳар сол бояд рӯзи занон ҷашн гирифта шавад ва он бояд пеш аз ҳама барои "ташвиқи ба занон додани ҳуқуқи овоздиҳӣ " хизмат кунад. Ҷашнгирии Иди бонувон чун даъвате ба муборизаи занон барои баробарҳуқуқӣ, қашшоқӣ, эҳтироми занон ва ҳуқуқ ба меҳнат буд. Бори аввал Рӯзи байналхалқии занон соли 1911 дар Олмон, Австрия, Дания ва Швейсария ҷашн гирифта шуд.

Дар Русия Рӯзи байналхалқии занон маротибаи аввал соли 1913 дар Санкт - Петербург ҷашн гирифта шуд. Аз солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ, 8 март иди давлатӣ гардид. Дар моҳи марти соли 1917 занон ҳуқуқи овоздиҳӣ пайдо карданд ва дар Конститутсияи соли 1918 сиёсати баробарҳуқуқии занон акс ёфт ва дар ҳаёт татбиқ шуд.

Аз солҳои 60-уми асри XX Рӯзи байналхалқии занон дар кишварҳои Ғарб ҳам ҷашн гирифта мешуд. Дар ин рӯз занҳои Ғарб дастовардҳои худро дар соҳаи мубориза бо ҳуқуқҳояшон намоиш медоданд.

**Соли 1975 СММ 8-уми мартро чун Рӯзи байналхалқии занон эълон намуд.**

Он дар дигар мамолики муштаракулманофеъ, аз қабили Русия, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Молдова, Туркманситон ва Украина чун Рӯзи байналхалқии занон; дар ҷумҳуриҳои Беларус, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон чун Рӯзи модар ҷашн гирифта мешавад.

**Соли 2009 дар Тоҷикистон ин ид ба таври расмӣ Рӯзи Модар эълон шуд.**

Тадбири мазкур аз сӯи дигар бар он ишорат мекунад, ки дар низоми сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ беҳтарин анъана ва суннатҳои фарҳанги қадимаи миллии мо мавриди татбиқ қарор гирифта, мақоми бонувон бар асоси ситоишномаҳои донишварону соҳибназарон дар ҷойгоҳи хосае қарор гирифтааст.

# МУЖДАИ

**Бо қаноатмандӣ ва изҳори хушнудӣ мужда медиҳем, ки чор тан аз омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ва 3 нафар ба ҳайси вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ интихоб гардиданд. Аз ҷумла, Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ аз ҳавзаи худудии якмандатии интихоботии Фирдавсӣ №1; профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Холиқзода Абдураҳим аз рӯи рӯйхати ҳизбӣ аз Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявии интихоботӣ; Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ аз ҳавзаи худудии якмандатии интихоботии Вахш №32; Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи граждании аз ҳавзаи худудии якмандатии интихоботии Ваҳдат №10 аз ҷониби мардуми шарифи мамлакат дар интихоботи вакилон 2020 ба ҳайси вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ интихоб гардиданд. Дар ин радиф, декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раҳмон Дилшод Сафарбек вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи шаҳри Душанбе аз ҳавзаи интихоботии №2; дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Мирбобоева Рухсора Валиҷоновна вакили маҷлиси маҳаллии вакилони халқи шаҳри Душанбе аз ҳавзаи интихоботии №31 ва мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Сангинов Дониёр Шомаҳмадович вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи ноҳияи Варзоб аз ҳавзаи интихоботии №11 интихоб гардиданд.**



### НАСРИДДИНЗОДА
### Эмомалӣ Сайфиддин

2 июли соли 1966 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Солҳои 1984-1986 дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ хизмати ҳарбиро адо намудааст. Соли 1990 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва соли 2003 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм кардааст. Соли 2008 рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Проблемаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити бунёди давлати демократӣ дар Тоҷикистон" дифоъ намудааст. Соли 2015 рисолаи доктории дар мавзӯи "Густариши фарҳанги ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқ гардидани тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ" ҳимоя кардааст. Соли 2017 Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1990 ҳамчун омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз кардааст. Солҳои 1993-2006 ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва фалсафаи фарҳанги ДДОТ ба номи С. Айнӣ, аз соли 2003 то 2004 корманди сарраёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2003-2006 унвонҷӯи Институти давлат ва ҳуқуқи АИ ҶТ, соли 2006 мудири кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва методикаи таълими ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, солҳои 2006-2007 муаллими калони кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, солҳои 2007-2009 ҷонишини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба тарбия, солҳои 2009-2011 ҷонишини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба таълим ва аз моҳи августи соли 2011 то 2016 декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ кор ва фаъолият намудааст.

Барои хизматҳои шоён ва навиаш дар соҳаи таълиму тарбия ва парвариши мутахассисони лаёқатманди ҷавобгӯйи бозори меҳнат бо нишони "Аълочии маорифи Тоҷикистон" ва мукофоти давлатии "Ордени Шараф дараҷаи II" сарфароз гардидааст. Аз апрели соли 2016 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудааст.

Оиладор, соҳиби ду фарзанд.

### ХОЛИҚЗОДА
### Абдураҳим Ғафор



2 майи соли 1968 дар ноҳияи Вахш, дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ, солҳои 1975-1985 маълумоти миёнаро дар мактаби №3 ноҳияи Вахш гирифта, соли 1994 Университети давлатии Тоҷикистонро (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бо ихтисоси ҳуқуқшинос бо дипломи аъло хатм намудааст.

Аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм карда, соли 2004 курси такмили ихтисосро дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Федератсияи Россия гузаштааст. Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муаллифи зиёда аз 240 асарҳои илмӣ-омӯзгорӣ, беш аз 38 китобу рисолаҳои илмӣ мебошад. Рисолаи номзадиро соли 1997 ва рисолаи доктории соли 2004 дар Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи Илмҳои Федератсияи Россия дар ш. Маскав дифоъ намудааст.

Солҳои 1989-1994 - донишҷӯ, 1994-1997 - аспиранти ДМТ. Солҳои 1997- 1999 муаллими калон, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон; солҳои 1999-2001 муовини декани факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба тарбия ва илм, солҳои 2001-2006 муовини декан оид ба таълим шуда кор кардааст. Соли 2006 бо ташаббуси бевоситаи ӯ нахустин «Кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» дар ҳавзаи илмии давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар факултети ҳуқуқи ДМТ таъсис ёфт, ки солҳои 1996-1997 вазифаи нахустин мудири Кафедраи мазкурро ба ӯҳда дошт.

Дар вазифаҳои Сардори Раёсати танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Барандаи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавони Кумитаи ҷавонон варзиш ва саёҳи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000. Соли 2012 бо медали 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шудааст. Бо медали ҷашнии АБП ИДМ мукофотонида шудааст.

Оиладор, соҳиби 6 фарзанд.

### САФАРЗОДА
### Бахтовар Амиралӣ

10 марти соли 1983 дар ноҳияи Вахш дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Таҳсилоти ибтидоиашро солҳои 1989-2000 дар мактабҳои миёнаи №3 ва мактаби интернати ҳамин ноҳия гирифта, онро бо баҳои «аъло» хатм менамояд. Соли 2000 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии До-



нишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2005 факултети номбурдаро бо дипломи аъло хатм мекунад. Баъди хатми таҳсил ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи ДМТ дохил шуда, соли 2010 бо ҳимояи рисолаи номзадии худ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мегардад. Бахтовар Сафарзода ҳамзамон аз соли 2007 ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолиятро оғоз менамояд. Аз соли 2009 ба сифати иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ таъйин гардида, моҳи феврали соли 2011 ба ҳайси мудири ҳамин кафедра интихоб мегардад.

Аз моҳи январи соли 2014 то моҳи марти соли 2015 дар вазифаи муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба илм фаъолият намудааст.

15 октябри соли 2015 рисолаи докториашро дар мавзӯи «Инъикоси стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии миллии Тоҷикистон» бо-

# НЕК

муваффақият ҳимоя намуда, соҳиби унвони доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардида, ба сифати профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии ДМТ ба фаъолияти илмиву таълимӣ машғул аст.

Барои хизматҳои шоён дар рушди илми ҳуқуқшиносии кишвар бо «Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ» барои олимони ҷавон дар соҳаи илм ва техника (соли 2011), «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2013) ва барои фаъолияти назарраси вакилӣ дар сатҳи байналмилалӣ ба «Ифтихорномаи Ассамблеяи Генералии ИДМ» (2019) қадрдонӣ гардидааст.

Оиладор, соҳиби ду фарзанд.

## МУРТАЗОЗОДА Ҷамшед Сайдалӣ



4 майи соли 1972 дар шаҳри Ваҳдат дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олии ҳуқуқшиносӣ. Соли 1989 мактаби миёнаи №2 ба номи В.И. Ленини шаҳри Ваҳдатро бо баҳои аъло хатм намудааст. Соли 1990 ба шуъбаи рӯзонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1995 онро бо баҳои аъло хатм намуда, дар асоси қарори Комиссияи давлатии тақсимоту ҷобаҷокунии мутахассисони ҷавон дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар вазифаи ассистенти кафедра ба фаъолияти корӣ шуруъ мекунад. Соли 2000-ум дар мавзӯи «Мақоми гражданию-ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тибқи қонунгузории ҶТ» рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, ба унвони номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мушарраф мегардад. Соли 2012 бошад, дар мавзӯи «Проблемаҳои ташкилӣ ва фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар ҶТ» рисолаи доктории ҳимоя намудааст. Дар айни замон, ҳамчун профессори кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият менамояд. Солҳои 2015-2020 ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ фаъолият намудааст.

Инчунин, аъзои Шӯрои илмию машваратии Суди Олии Иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003), довари ҷоизаи Исмоили Сомони байни олимони ҷавон (2004), аъзои Ҳизби Халқи Демократии Тоҷикистон (2004), раиси Ассотсиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005), аъзои Шурои ҷамъиятии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005), Ҳаками (арбитр) маркази байналмилалии баррасии баҳсҳо дар назди Суди Иқтисодии ИДМ (СНГ) (2009), аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009) мебошад. Бо медали 20-солагии Истиқлолияти ҶТ (2011), Нишони фахрии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои иштирокчии ИДМ (2019) мукофотонида шуда, муаллифи 7 монография ва зиёда аз 75 мақолаҳои илмӣ мебошад.

Оиладор, соҳиби чор фарзанд.

## РАҲМОН Дилшод Сафарбек

7 декабри соли 1985 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи муаллим таваллуд шудааст. Номбурда таҳсилоти ибтидоиро соли 1991 аз мактаби миёнаи №28-и шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, солҳои 1995-1998 дар мактаби миёнаи №54-и шаҳри Душанбе, солҳои 1999-2000 дар литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати шаҳри Душанбе идома додааст. Соли 2001 литсейи №55-и шаҳри Душанберо ба тарзи экстернӣ бомуваффақият хатм намудааст.



Солҳои 2001-2006 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ таҳсил намудааст. Солҳои 2006-2014 ҳамчун ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, 2012-2014 муовини декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014-2015 муовини мудири шуъбаи кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015-2016 мудири шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Раёсати кафолатҳои ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кардааст. Аз моҳи марти соли 2016 ба сифати декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ фаъолият намуда истодааст.

Оиладор, соҳиби се фарзанд.

## МИРБОБОЕВА Рухсора Валиҷоновна

25 марти соли 1980 дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2002 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориро аз ҳамин донишгоҳ оғоз намуда, аз ҷумла,



солҳои 2003-2006 ҳамчун ҳамкори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносӣ; солҳои 2007-2009 - аспиранти шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; солҳои 2010-2012 - ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ; аз соли 2012 то ин ҷониб дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Соли 2012 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии бадастоварӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи ҳуқуқии тамғаҳои молӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳимоя намудааст. Муаллифи беш аз 70 корҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимию методӣ мебошад.

Бо як қатор мукофоту медалҳои ҷашнӣ ва ифтихорномаҳо, аз ҷумла бо медали «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» қадршиносӣ гаштааст.

Оиладор.

## САНГИНОВ Дониёр Шомаҳмадович

15 апрели соли 1985 дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2007 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, дипломи аълочӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориро аз ҳамин донишгоҳ оғоз намуда, аз ҷумла солҳои 2007-2011 - ҳамчун ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ; солҳои 2008-2010 - аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносӣ; солҳои 2011-2012 - муовини деканаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба корҳои тарбиявӣ; аз соли 2012 - то ин ҷониб мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Соли 2010 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти сайёҳӣ дар ҶТ» ҳимоя намудааст.

21-уми январи соли 2020 диссертатсияро дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ оид ба хизматрасонии иҷтимоию фарҳангӣ дар ҶТ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дар Шӯрои диссерта-



тсионии 6D.KOA–002-и назди ДМТ ҳимоя намудааст. Муаллифи беш аз 240 корҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимию методӣ мебошад.

Бо як қатор мукофоту медалҳои ҷашнӣ ва ифтихорномаҳо сарфароз гардидааст, аз ҷумла соли 2011 бо Ифтихорномаи ДМТ, соли 2012 бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Ифтихорномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соли 2013 ба Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, соли 2015 бо медали ҷашнии «90 солагии Адлияи ҶТ», соли 2016 ба нишони Аълочии маориф ва илми ҶТ, соли 2019 Ифтихорномаи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ.

Оиладор, соҳиби се фарзанд.

**Таҳияи Эмомалӣ МИРАЛӢ**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

# МОДАР – САРЧАШМАИ

**Фирӯз АБДУЛЛОЕВ**
**магистранти соли 1**



Модар бузург аст, бузургиаш ҳаду канор надорад. Маҳз ҳамин бузургии модар аст, ки мо инсонҳо дар канори модар бо олами рангини кӯдакӣ ба воя расида аз мактаби аввалини худ, ки ин назди модар аст, дарси одамгарию ватандӯстиро меомӯзем.

Он ҳама заҳматҳое, ки модар аз давраи таваллуд то ба синни балоғат расидани фарзандаш мекашад, касро ба ҳайрат меорад. Модар умри пурқимати худро бо ғами фарзанд гузаронида ва ҳатто зиндагии хешро ба фарзанд мебахшад, худ напӯшидаву фарзандашро мепӯшонад ва худ гурусна гаштаву фарзандашро мехуронад, ин ҳама гуфтаҳо маҳз аз бузургии модар далолат мекунад. Маҳз бо туфайлу заҳматҳои беканори модар мо инсонҳо чашм ба олами ҳастӣ кушодем. Меҳру муҳаббати самимӣ, бузургиву хоксорӣ ва бедорхобиҳои модар, ин ҳамаро ба ҳеҷ чизи дунё баробар карда намешавад.

**Анис САБУРОВ**
**магистранти соли 1**

Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 март ҳамчун Рӯзи модарон ҷашн гирифта мешавад. Дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани ин рӯз нишон аз арҷгузории давлату ҳукумати кишвар ба зан-модар мебошад. Зан-модар аз азал дар шинохти миллати тоҷик тимсоли зебоиву покизагӣ, меҳрубониву зиндагиофарӣ, инчунин, ватандориву қаҳрамонӣ мебошад. Дар тӯли таърихи мавҷудият аҷдодони мо ба зан-модар ҳамеша арҷ гузошта, ҷойгоҳи онро дар дилу дида муайян намудаанд. Боиси сарфарозӣ ва қаноатмандист, ки



имрӯзҳо дар кишвари соҳибистиқлоли мо ба зан-модар таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Имрӯз соҳаеро пайдо кардан душвор аст, ки дар он занҳо фаъолият надошта бошанд. Айни ҳол аз ҳисоби занҳо садҳо нафар докторони илм, аъзоёни Ҳукумат роҳбарони шаҳру ноҳия, кормандони ҳарбиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо рутбаи олии ҳарбӣ фаъолият доранд, ки нишон аз ғамхории давлати миллиамон нисбати зан-модар мебошад. Зеро, модар ҳидоятгари роҳи рост ва такя намудан ба он инсонро комгору саодатманд мегардонад.

**Сафарҳон ВОҲИДОВ**
**донишҷӯи соли 4**

Ривоят мекунанд, ки Худованд накҳат аз гул, нӯши аз ангубин, гармӣ аз офтоб, тароват аз борон, шукӯҳ аз осмон, борандагӣ аз абр, равшанӣ аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушҳолӣ аз андалебро қатра-қатра ҷамъ оварду занро офарид, то ҷаҳонро равшану инсониятро хушбахт гардонад. Зан модар шахси муқаддас аст. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ аз тамоми



ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳи ояндаи ҳаётамонро равшан намуда, аз ҳама қимматтарину азизтарин шахс дар олами ҳастӣ мебошад. Меҳри бехамтои модар ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми гардун саховатмандона нур мепошад, ишқи поки модар ба мисли чашмаҳои пурҷӯшест, ки дашту биёбонро гулистон мекунад.

**Хушрумоҳ НАБИЕВА**
**донишҷӯи соли 3**



Модарам хеле пазмони ту шудаам! Мехоҳам сарамро ба китфат гузошта, диламро холи кунам, ки пур аз дарду аламҳои дунёст, дар назди ту оромиш меёбад. Модари фариштаи ман, нуронии ман, ишқи ман. Вуҷуди беолоиши ту ба дунё меарзад, он вуҷудеро, ки танҳо меҳру шафқат фаро гирифтааст. Танҳо ишқи модар аст, ки ҳамеша пок аст, вай фарзандашро бо ҳама камбудиҳояш дӯст медорад ва ҳеҷ вақт аз дӯстдоштан даст намекашад. Модарҷонам!!! Кош ҳама ба монанди ту бошанд, ба монанди ту ишқи пок дошта бошанд, аммо нестанд, яқинам ва медонам, ки ба мисли ту дар зиндагиам касе ҷой дошта наметавонад. Дунёи пур аз бевафоиҳо борҳо қомататро хам кард, аммо ба хотири фарзандонат ту ҳамоно талош меварзӣ.

Навозишҳои гарми туро ёд кардаам модарам. Лабханди зебоят маро ба зиндагӣ умедвор месозад. Суханони нарми ту инсонро аз корҳои бад боз медорад. Ҳамеша ба ғами ҷигарбандонат ҳастӣ. Вақте онҳо аз ту дуранд, шаб туро аз тарси оне ки фарзандам чи гуна аст, оё баданаш гарм аст? оё шикамаш сер аст? ин фикрҳо туро ором намегузоранд. Туро бештар ва пештар аз ҳама дӯст медорам. Ҳангоме ки чое аз бадани ту дард мекунад, ман худамро чун кабутари беболу паре эҳсос мукунам, ки парвоз карда наметавонам ва аз ҷойи нишастаам хестан мушкил мегардад. Лаҳзае, ки ту дард мекашӣ ман хун мегирям, аммо ашкҳои худро пинҳон медорам, ки ту ғамгин нашавӣ. Он сухан ҳамеша дар ёдам ҳаст, ки гуфта будӣ: «Модар барои дарди худ не, барои ашке, ки ҷигарбандаш мерезад месӯзад».

Лаҳзаҳое мешаванд, ки ман аз анҷоми баъзе корҳо ноумед мегардам ва маҳз он дуои ту аст, ки маро қувват ва тавоноӣ мебахшад, ки ба зиндагӣ нигоҳи гарм дошта бошам, зеро медонам, ки дуои ту ҳамеша маро комёб мегардонад. Дӯст доштан ва кӯшиш карданро ман аз ту омӯхтам.

**Шоҳрухон БАРОТОВ**
**донишҷӯи соли 3**

Зан—модар бунёди ҳаёт, сарчашмаи зиндагӣ ва атокунандаи бузургтарину ҳимматтарин



чизи дунё – инсон аст. Азизтару муқаддастарин, қимматтарин ва поктарин инсон дар рӯи замин занмодар аст. Зан – модар толеи баланду бахти фирӯз дорад. Ӯ хушбахтии худро чун модар пеш аз ҳама дар тарбияи фарзанди бовафои халқу кишвар мебинад. Модар сарчашмаи меҳру муҳаббат аст. Калимаи модар калимае мебошад, ки дар тамоми забонҳои ҷаҳон якхел оҳанги навозишкоронаву дилангез дорад. Ва ҳар қадаре, ки муҳаббати кас ба модар зиёд бошад, ҳаёт ҳамон қадар фараҳбахшу дурахшон мегардад. Меҳру муҳаббати самимии модар, домони биҳиштосои ӯ ва шабзиндадориҳои модар дар айёми кӯдакӣ, ин ҳамаро бо ҳеҷ чиз баробар карда намешавад.

**Субхон ҲАЙДАРОВ**
**донишҷӯи соли 2**

Модар он моҳи дурахшонест, ки бо нури меҳрубонаш







# МУҲАББАТИ БЕКАНОР

шабхои торики моро равшан месозад ва офтобест дар зиндагӣ, ки моро гармию рӯшноӣ мебахшад. Кист, ки суруди "Алла"-и модарро нашунида бошад, аз шири сафеди ӯ бахра наёфта бошад. Модар зиндагӣ аз ту оғоз мешавад ва дунё аз буйи муқаддаси ту атргин мегардад. Дасти навозишгари ту таскинбахши мо дар лахзахои душвори зиндагӣ аст. Қалби модар ончунон бузург аст ки дар он тамоми дунё чой мегирад.

**Сад чону дил фидои**
**як муддаои модар,**
**Фатху кушоиш орад**
**дасти дуои модар.**
**Бишнид гар садоям**
**дунёи сахтчӯшон,**
**Ангезаест шояд аз**
**аллахои модар.**

**Наргизабону ШАРИПОВА**
**донишчӯи соли 2**



Модар ту бехтарин армон, азизтарин, мукаддастарин мӯъчиза ва арзандатарин сарвате, ки хамагонро хаёт мебахшӣ. Аз хастии пайкари бузурги ту ба дили кас қуввату мадор, тавоноиву карор ва мехру мухаббати бекнор пайдо мегардад. Тавоноии ту касро зинату самар, симу зар, болу пар ва шахду армон мебахшад. Такя бар вучуди чахону инсонофаринии ту такя бар Яздони пок аст. Ту ситораи зиндагӣ, ситораи дурахшонӣ, ки чахонро нуру чило мебахшӣ. Модар вакте суруди «Алла» мехонад, бо садои рӯхнавоз хамаи орзуву ормонхояшро ба тифлаш таманно мекунад. Шабу рӯз ва хуру хобро фаромӯш намуда, ба он мекӯшад, ки тифлаш солиму бардам, чакон, далеру пахлавон ба воя расад ва ояндааш дурахшон гардад. Бинобар ин, модар шахси азизу мӯътабар ва мукаддас аз хар як мавчудоти олам аст. Аз ин рӯ, хамагонро зарур аст, ки ба кадри ин мавчуди мукаддас бирасанду сари таъзим назди бузургии ӯ фуруд оранд. Пешвои миллат иброз медоранд, ки «Модарон -мехрафзо ва машъали тобон, бонувон хонахудои дудмон, занон идомабахши наслу авлод ва духтарон зи чон махбубтари хар хонадон ба шумор меравад».

**Шахрияи РАСУЛ**
**донишчӯи соли 3**

Хусни хаёт файзу баракати зиндагии мо аз модар аст ва ӯ ситораи дурахшандаи хомушнашавандаест, ки зиндагии фарзандонро дар тӯли хаёт равшан месозад. Яъне хама эъчозу парвозхо, эчоду бунёдхо ва мардонагиву кахрамонихо самараи захмати шабонарӯзии модарон аст. Махз модар дар қалби фарзандон тухми мехру мухаббат, дӯстиву рафоқат ва некиву накӯкориро мекорад, то оянда насли наврас чун шахси масъулиятшинос, ободкору инсондӯст ва ватанпарвар ба камол расанд. Модар арзандаи хама гуна эхтиром, қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад. Хар як модар мехохад, ки фарзандаш сохиби одобу маърифат шавад, илму дониш ва касбу хунар омӯзад. Барои расидан ба ин орзуву нияти худ талош меварзад, чавонию зебогии зиндагиашро сарфи захматхо мекунад. Модар зиннати хона, устоди аввалини фарзанд аст.

**Турсуной ШОДИЕВА**
**донишчӯи соли 2**

Соли 1975 аз чониби СММ 8 март чун Рӯзи байналхалкии занон эълон гардид. Имрӯз бошад, ин



сана дар Русия, Озарбойчон, Гурчистон, Қазокистон, Молдова, Туркманистон ва Украина чун Рӯзи байналхалкии занон, дар Чумхурии Точикистон, Беларус ва Ӯзбекистон хамчун рузи Модар чашн гирифта мешавад. Вокеан, ин рӯз рӯзи модарон аст ва модарон бузурганд.

Шеърамро барои
модарон мебахшам.

**Эй чону чигар, боғи дигар,**
**ту модарам,**
**Бахти сафед, болу парам,**
**ту модарам.**
**Нози манӣ, чони манӣ,**
**танхои манӣ,**
**Умри манӣ, боғу бахор,**
**ту модарам.**
**Эй модари ман барои**
**ман точи сарӣ,**
**Хам нури сафо, нурӣ**
**ду чашмони манӣ.**
**Туӣ барои ман аз**
**хама махбубтарин,**
**Туӣ барои ман аз хама**
**ғамхортарин.**

**Фарида ОДИНАЗОДА**
**донишчӯи соли 3**

**Модар чӣ калимаи**
**гуворост,**
**Дар чехраи ӯ чахон**
**хувайдост.**
**Модар бо хама**
**бузургихояш,**
**Бихишт, зери кудуми**
**модарон чост.**



Мехри бехамтои модар, ба мисли хуршеди олам аст, ки ба тамоми олам нур мепошад, ишқи покаш бошад, биёбонро гулистон мегардонад. Модар, ягона вучудам, рафикам, дар парешонхолиям шарикам, дастгирам ва равшании хаётам мебошад. Ту чон ба каф гирифтию маро ба дунё овардӣ, дар сари гахвораам бо хоби ширин даст ба гиребон шудӣ, бо чашмони хастаат бошад нигахбониам кардӣ. Бе ту хеч бахоре зебо ва хеч тирамохе пурфайз нахохад буд. Файзи зиндагонии мо аз туст.

**Гулчехра НИМОНОВА**
**донишчӯи соли 3**

Модар қиматтарин неъмати дунё, сарчашмаи мухаббати беканор, химматбаландтарин шахси башарият аст. Дар зери ин панч харф чи қадар мехру мухаббат, хушгуфторию хушрафторӣ, бузургиву мучассамаи хоксорӣ нихон аст. Чӣ тавре ки дар суханронии худ Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон кайд намудаанд: "Модар азизтарин вучуди рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарми дилнавози ӯ оғоз мегардад. Зан, модар сарчашмаи мехру вафо, олихаи зебоӣ, рамзи ишқи човидонӣ, нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд мебошад. Зеро тору пуди модарон аз риштаи мехру садоқат бофта шудааст». Оре, мо дар канори модар бо олами рангини кудакӣ ба воя мерасему аз ӯ дарси одамгарию ватандӯстиро меомӯзем. Канори модар худ мактаби аввалини мост.

**Чумъа ОДИНАЗОДА**
**донишчӯи соли 2**



Зан-модар чи махфуми дилнишинест, ки хангоми ба забон овардани он пур аз нуру сурур мегардад, зеро зан-модар қиматтарин неъмати дунёву сарчашмаи неъмати беканор химматбаландтарин шахсият дар олами хастӣ аст. Зан-модар дар катори тавлиду тарбияи фарзанд боз бисёр вазифахои пурмасъулиро ба душ дорад. Зани точик ба хусус дар сохахои гуногуни зиндагӣ кору фаъолият мекунад. Дар катори мардон истода, ба оила мададгор мегардад. Вучуди модар саршор аз мехр асту калбаш эхё аз ишк. Вазифа чонӣ, карзи фарзандии пайвандон аз он иборат аст, ки нисбат ба ин олихаи хусн, дунёи пурфасонаи зиндагӣ, олами мехру вафо, самимияту садоқат зохир намуда, модари мушфик ва занони халиму мехрубонро дӯст дораду дар хизматашон камари химмат бубананд.

Калимаи модар аз 5 харф иборат аст ва дар худ як чахон маъноро доро мебошад:

**М-мехр,**
**О-орзу,**
**Д-дилсӯз,**
**А-акл,**
**Р-розӣ.**

**Саидмубин САЛОХИДДИНОВ**
**студент 1-го курса**

Мама – первое слово в жизни любого человека. Первое, главное слово и самое красивое слово человека. Один афоризм гласит, что мама – синоним слова любовь. Другая цитата утверждает, что мать – это имя Бога на устах и в сердцах маленьких детей. И это слово понятно абсолютно всем жителям Земли, на каком бы языке они не говорили. И, конечно, существует много афоризмов, фраз и высказываний о мамах.

Материнство – тяжелый труд без отпусков, выходных и права на ошибку. Быть мамой – это ответственность, предназначение, долг и великая любовь.

Для пожеланий маме и добрых слов есть много поводов – День матери 8 марта, День рождения. Но не обязательно ждать какого-то праздника для того, чтобы сказать добрые слова маме. Любите своих матерей, говорите им каждый день о том, какую важную роль они играют в вашей жизни. Спешите говорить своим мамам, что любите их, спешите говорить нежные и добрые слова.

Любовь к матери, уважение к самому дорогому человеку в жизни – незыблема. Сколько бы не говорили об этом, как бы не эксплуатировали в разных сюжетах и жанрах, но жизнь начинается там, где мать. И держится на ней. Поэтому найдите время, позвоните маме и скажите несколько теплых добрых слов. Каждый день – это День матери. Где бы мы не были, и чтобы не делали, куда бы ни забросила нас судьба, и что бы с нами не случилось, мы знаем, что материнское сердце все чув-



ствует, обо всем знает. Она крепко любит, всегда приласкает и пожалеет, защитить и сохранить от всех бед. «Мама!» - мы произносим, когда больно или страшно. Мама необходима и в минуты счастья.

Спасибо, мама, за тепло и доброту. Спасибо за любовь твою без края. Я Бога за тебя благодарю. Спасибо, что ты есть, моя родная. Слово «Мама» дорогое, её надо дорожить.




**Тахияи**
**Бобочон НАИМЗОДА**

**Дар сатҳи давлатӣ ва бо тантанаву шукӯҳи хосса ҷашн гирифтани Рӯзи бонувон, нишонаи эътибору эҳтироми зиёди давлату ҳукумати кишвар нисбат ба модарону занон мебошад, зеро нақши занону модарон дар ободии хонадон, тарбия кардану ба воя расонидани фарзандон, ба онҳо омӯзонидани забони модарӣ, одобу маънавиёт, парвариши эҳсоси баланди худшиносиву худогоҳӣ, ҳисси миллӣ ва ифтихори ватандорӣ беназир аст. Модар рамзи ҷовидонаи меҳру вафо ва идомабахши насли инсон мебошад. Модар аввалин шахсест, ки бо меҳрубонии ба худаш хос дар қалби тифли худ хислатҳои неки инсониро парвариш карда, ӯро ба шоҳроҳи зиндагӣ раҳнамоӣ месозад. Шахс нахустин дарси одамияту худшиносиро аз модар меомӯзад ва тавассути суханони пурҳикмати ӯ соҳиби маърифат мегардад. Аз ин лиҳоз, модар на танҳо азизтарин шахс барои ҳар як фарзанд, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар як халқу миллат мебошад.**




# МУБОРАКТАРИН РӮЗ

Аз он сарфарозу шарафмандем, ки занон-модарон ва бонувони тоҷик ҳамчун нерӯи пешбаранда ва қишри фаъоли ҷомеа дар корҳои давлатдорӣ низ фаъол буда, барои пешрафти ҷомеа ва давлат баробари мардон талош менамоянд, дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат бо дарки масъулияти баланди кордонӣ, қобилияти фавқулоддаи ташкилотчигӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба арзишҳои Истиқлолияти давлатӣ ва воло шумоpидани манфиатҳои миллӣ софдилона меҳнат мекунанд. Хурсандибахш аст, ки дар симои занон миллати тоҷик инсонҳои дорои фарҳанг ва ахлоқи воло, занони ҳалиму хоксор, хушодобу закӣ, бонувони зебову иззатманд, модарони мушфиқу ғамхор ва сиёсатмадорони муваффақро мешиносад. Истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати таъмини мавқеи устувори зан-модар дар ҷомеа ҳамаи имкониятҳоро фароҳам овард ва занони қавииродаву боҷасорати моро ба арсаи васеи сиёсат ворид намуд.

Бо мақсади таъмини иштироки ҳарчи бештари занон дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва идоракунии давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти кишвар то ба имрӯз чандин санадҳои меъёриву ҳуқуқиро қабул намуд, ки онҳо барои боз ҳам баланд бардоштани мақоми зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд.

Ҳамасола ба муносибати таҷлили Рӯзи модарон дар маросими бошукӯҳ суханронӣ намудани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи равшани ин ҳақиқат аст. Ҳамин тариқ, дар яке аз суханрониҳояшон қайд намуданд, ки: «модари тоҷик ҳазорон нафар фарзандони бонангу номус, ҷасуру ватандӯст, абармардони хирадманду фарзона, сиёсатмадорони номдору фидокор ва номбардори миллатро ба дунё оварда, дар оғӯши пурмеҳри худ ба камол расонидааст ва онҳоро дар роҳи хизмат ба халқу Ватан раҳнамоӣ кардааст».

Дар анҷом меҳоҳам, ки таманниёти худро ба муносибати таҷлили ҷашни фархунда – «Рӯзи Модар» ба Шумо модарону бонувони азиз ва




ҳоҳарони арҷманд иброз дошта, бароятон умри дароз, саодати рӯзгор, хонаи обод, хотири ҷамъу осуда ва комёбиҳо орзу менамоям.

Наргис ХОҶАЕВА
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ




